**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

1. Дар замони муосир аксари давлатҳои ҷаҳон ба шакли давлатдории иҷтимоӣ гузашта, дар қонунгузорӣ худро ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон намуда, барои шаҳрвандони худ тамоми кафолатҳои иҷтимоиро муқаррар намуда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун дигар кишварҳои ҷаҳон пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ истиқлолияти комили худро ба даст оварда, расман худро давлати иҷтимоӣ эълон намуд. Тоҷикистони соҳибистиқлол баҳри самти рушди иҷтимоиёти кишвар тамоми фаъолияти худро равона карда, нахуст дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро барои мардуми худ кафолат дод.

Бояд тазаккур дод, ки таъминоти иҷтимоӣ доираи васеи аҳолӣ ва гурӯҳҳои мухталифро фаро мегирад. Дар байни он гурӯҳҳо субъекти махсусро ёдовар шудан муҳим аст, ки дар таъмини тартиботи ҳуқуқии давлат, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калон дорад, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошанд. Шубҳае нест, ки дар иҷрои вазифаҳои худ кормандони кормандони мақомоти корҳои дохилӣ то чӣ андоза худ ва аъзои оилаи худро зери хатар мегузоранд. Аз ин рӯ, ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат намуда, яке аз масъалаҳои мубрами илмию амалӣ арзёбӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки рушди фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бе баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии кормандони

он ғайриимкон мебошад. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, камбудӣ ва норасогиҳо дар ин самт муайян гардида, пешниҳодҳои асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур карда шаванд.

Дар шароити тезу тунди ҳаёти сиёсии ҷаҳон, зиёд гардидани шумораи гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ва инкишоф ёфтани роҳу воситаҳои нави содиршавии ҷиноят, аз ҷумла, ҷиноятҳои махсусан вазнин давлатро водор месозад, ки ҷиҳати таъмини ҳаёти мусоид ва шароити кории арзанда барои хизматчиёни давлатӣ дар умум ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар алоҳидагӣ чораҳои зарурӣ андешад. Зеро бе таъмини ҳаёти мусоид ва шароити кории ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ наметавонанд бар зидди ҷиноятокорӣ истодагарӣ намоянд. Бинобар ин, таҳқиқи амиқи масъалаи мазкур беш аз пеш мубрам будани мавзуи интихобшударо муайян менамояд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар, 13 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Собирзода А.Ҷ., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Буризода Эмомалӣ Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Бобокалон Ғоиб Мерган – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Назаров А.Қ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Шарофзода Р.Ш.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ,
аъзои комиссияи экспертӣ — Искандаров Ш.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
«02» 07 2024